آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

24 декабри соли 2025
Чоршанбе
№ 103 (15218)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## КОРХОНАИ НАВ БА ФАЪОЛИЯТ ШУРӮЪ КАРД

***Дар ноҳияи Тӯрақӯрғон боз як корхонаи саноатии дӯзандагӣ – «Aydin kids» фаъолияти худро оғоз кард.***



Дар кушодашавии корхона роҳбарони ташкилотҳо, нурониён, ҷавонон ва фаъолони маҳаллаи Оқтош иштирок карданд.

Корхона ба истеҳсоли либосҳои бачагона тахассус дошта, дар як сол 120 тонна маҳсулотро ба маблағи 1 миллиону 200 ҳазор доллар истеҳсол хоҳад кард, ки қисми асосии онҳо ба Русия содир карда мешавад.

Дар натиҷаи таъсисёбии корхона 120 нафар ҷавонони ноҳия бо кор таъмин гардиданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

## РОҲБАРОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ИМА ТАВАССУТИ ТЕЛЕФОН МУЛОҚОТ КАРДАНД

***23 декабр сӯҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Доналд Трамп баргузор гардид.***

Сарвари давлати мо дар оғози мулоқот Президенти ИМА-ро бо фаро расидани ҷашнҳои Соли нав табрик гуфта, ба мардуми дӯсти Амрико сулҳу осоиш, фаровонӣ ва шукуфоӣ таманно намуд.

Доналд Трамп, дар навбати худ, ба роҳбар ва халқи Ўзбекистон салому табрикоти самимии худ ва мардуми ИМА-ро расонида, дар Соли нав бахту саодат, муваффақият ва пирӯзиҳои нав таманно кард.

Президентҳо рафти татбиқи тавофуқотеро, ки дар сатҳи олӣ ба даст омадаанд, инчунин, дурнамои рушди минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии Ўзбекистон ва ИМА-ро муфассал баррасӣ намуданд.

Роҳбари давлати мо дастовардҳои Президент Доналд Трампро дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии соли ҷорӣ баланд арзёбӣ намуда, саъю кӯшишҳои самарабахши ӯро дар роҳи ҳалли бӯҳрон ва низоъҳои шадиди байналмилалӣ махсус таъкид кард.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки муколама ва мубодилаҳои дуҷонибаи сиёсӣ, бахусус дар сатҳи роҳбарон фаъол гардида, марҳилаи нави рушди шарикии стратегиро миёни кишварҳо оғоз намуд ва онро бо муҳтавои мушаххас ғанӣ гардонд.

Дар соҳаҳои авиатсияи шаҳрвандӣ, автомобилсозӣ, саноати кӯҳӣ, кишоварзӣ, инфрасохтор, энергетика ва кимиё, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дигар бахшҳо лоиҳаҳои муштарак ба маблағи даҳҳо миллиард доллар амалӣ мегарданд.

Бо мақсади пешбурди босамари лоиҳа ва барномаҳои ҷорӣ ва таҳияи ташаббусҳои нав Шӯрои соҳибкорӣ ва сармоягузории Амрико – Ўзбекистон таъсис ёфтааст. Ҷиҳати таъсиси Бунёди муштараки сармоягузорӣ корҳо фаъолона идома доранд.

Механизми нави ҳамкории байни минтақаҳо роҳандозӣ шуд. Ҳайатҳо аз се вилояти Ўзбекистон бо мақсади роҳандозии ҳамкорӣ бо иёлатҳои Амрико ба ин кишвар сафар карданд.

Ба масъалаҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ ва минтақавӣ диққати махсус дода шуд. Ба ин маъно, аҳамияти ҳамкории бисёрҷониба, аз ҷумла формати «С5+1» таъкид шуд.

Дар анҷоми сӯҳбат ҷонибҳо нияти худро ҷиҳати идомаи муколамаи фаъол дар сатҳи олӣ тасдиқ намуда, аз рӯйи пешбурди ташаббус ва барномаҳои муштарак дар самти ҳамкории амалӣ ба мувофиқа расиданд.

Президенти Ўзбекистон роҳбари Амрикоро даъват кард, ки дар вақти барояш мувофиқ ба кишвари мо ташриф оварад.

**ЎзА.**

## САРМОЯ БА ОЯНДАИ ДУРАХШОН

***Солҳои охир дар кишвари мо ба соҳаи маориф, бахусус таҳсилоти томактабӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Тибқи Фармони Президент «Дар бораи чораҳои иловагӣ барои баланд бардоштани самараи низоми идоракунӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ ва мактабӣ» ва қарори Девони Вазирони Ўзбекистон «Дар бораи чораҳои иловагӣ барои баланд бардоштани сатҳи фарогирии кӯдакон бо таҳсилоти томактабӣ дар солҳои 2025-2026» дар ин самт ислоҳот пай дар пай амалӣ мешаванд.***

Имрӯзҳо барои васеъ намудани шабакаҳои муассисаҳои таълими томактабӣ, мустаҳкам намудани базаи моддию техникии онҳо, бунёди биноҳои нави кӯдакистонҳо барномаи давлатӣ қабул гардида, амалӣ мешавад. Бо назардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта ба васеъ намудани шабакаи муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, аз ҷумла кӯдакистонҳои ғайридавлатӣ низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад. Ин ба ташаккули рақобати солим дар сохтор ва зиёд шудани доираи хидматрасониҳои таълимӣ хидмат мекунад.

Тарбияи фарзандони миллат кори бузург аст. Ба онҳо аз кӯдакӣ тарбияи ҳамаҷониба додан вазифаи ҳар яки мост. Тарбияи томактабӣ ибтидо ва муҳимтарин ҳалқаи таълими муттасил мебошад. Тибқи хулосаҳои илмии коршиносону омӯзгорон 70 дарсади тамоми иттилооту дониши инсон дар тӯли умраш дар синни 5-солагӣ гирифта мешавад. Маҳз дар ҳамин сол фаъолияти зеҳнии кӯдакон меафзоянд ва сифатҳои ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ ташаккул меёбанд.

Ин аст, ки солҳои охир ба рушди тарбияи томактабӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои пурра фаро гирифтани ин самти таълиму тарбия барои ҳар як кӯдаки синни кӯдакистон диққати махсус дода мешавад.

Бо мақсади зиёд кардани фарогирии кӯдакони 3-7 сола шаклҳои гуногуни муассисаҳои таълимии томактабӣ ба роҳ монда шудааст. Қулайии ташкили муассисаҳои таълимии томактабии оилавии ғайридавлатӣ, бо кор таъмин намудани аъзоёни хонавода дар оилаҳое, ки чунин кӯдакистонҳо таъсис додаанд ва дигар имтиёзҳо аз ҳар ҷиҳат судманд аст.

Дар замоне, ки қонун барои соҳибкороне, ки мехоҳанд ба мардум хидмат карда, дар пешрафти кишварамон саҳм гузоранд, роҳи васеъ кушод ва ба соҳибкорони инфиродӣ дар кушодани муассисаҳои таълимии томактабии оилавии ғайридавлатӣ дар шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ ёрии амалӣ мерасонад. Барои пай дар пай назорат кардани фаъолияти соҳибкорон, ҷорӣ намудани навовариҳо ва баланд бардоштани дониши сиёсии онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар айни замон, муассисаҳои таълимии оилавӣ, муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, ки аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ таъсис дода шудаанд, қариб дар ҳар як маҳаллаи ноҳияҳо фаъолият мекунанд.

– Дар шароити муосир, ки оилаҳо бештар ба дастгирии иловагӣ дар тарбияи кӯдакон ниёз доранд, кӯдакистони оилавӣ ба яке аз шаклҳои маъмул ва муассири таҳсилоти томактабӣ табдил меёбад. Ин навъи муассиса дар асоси гурӯҳҳои хурд фаъолият карда, муҳити наздик ба хона ва муносибати самимӣ бо кӯдаконро таъмин менамояд, – мегӯяд соҳибкор Дилнавоз Шомуродова, ки дар ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон фаъолият мекунад.

Натиҷаи заҳмати чандинсола, муҳаббати ӯ ба кӯдакон ва садоқат ба касбаш ба эҷоди ғояҳо ва ташаббусҳои нави Дилнавоз илҳом бахшид. Ӯ барои ташкили кӯдакистон дар хонаи худ нақшае дошт. Ба шарофати донише, ки дар ин соҳа ба даст овардааст, ӯ тавонист соҳибкори муваффақ шавад. Соҳибкор аввал дар хонае, ки дар он зиндагӣ мекард, боғчаи хонагӣ ташкил кард.

– Имрӯз дар кишвари мо ба дастгирии занони соҳибкор тавассути фароҳам овардани муҳити мусоид таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад, – изҳор дошт Дилнавоз. – Аввалан, таваҷҷуҳи Президенти мо ба занон, инчунин ҷудо кардани қарзҳои имтиёзнок аз ҷониби Бонки саҳҳомӣ-тиҷоратии «Микрокредитбонк», барои густариши минбаъдаи фаъолияти мо ангеза гардид. То имрӯз ман 3 кӯдакистони оилавӣ таъсис додам. Дар ин кӯдакистонҳо дар маҷмӯъ 20 нафар зан ба кор ҷалб шудаанд ва 200 нафар кӯдак таҳсил мекунанд. Имрӯз ба кӯдакистони мо талаб афзуд.

Ҷанбаи аз ҳама муфид ин аст, ки вақте соҳибкор ин намуди фаъолиятро оғоз мекунад, давлат 100 фоизи хараҷоти хӯроки кӯдаконро мепӯшонад, барои таъмини барқ ва газ субсидия ҷудо мекунад. Ғайр аз ин, ба мураббӣ ва ёвари ӯ музди моҳонаи муқарраршуда аз ҷониби давлат дар шакли субсидия пардохт карда мешавад.

Яке аз афзалиятҳои асосии кӯдакистони оилавӣ имкони додани таваҷҷуҳи инфиродӣ ба ҳар кӯдак мебошад. Тарбиятгар метавонад хусусиятҳои равонӣ, рафторӣ ва қобилиятҳои ҳар як кӯдакро бодиққат мушоҳида карда, барои онҳо барномаи рушду бозӣ омода намояд. Муҳити хонагӣ, ки чунин муассисаҳо пешниҳод мекунанд, ба кӯдакон ҳисси амният ва озодиро медиҳад. Ин омил махсусан барои кӯдаконе, ки бори аввал аз муҳити хона дур мешаванд, аҳамияти калон дорад.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ФАРҒОНА – ГАВҲАРИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Сайёҳӣ ба яке аз бахшҳои пешбари иқтисодиёти мамлакат табдил ёфтааст. Мухбирамон дар ин замина бо ҷонишини ҳокими вилояти Фарғона – сардори Садорати туризм Хуршедҷон АҲМЕДОВ суҳбате орост, ки ҳоло тақдими муштариёни азизи «Овози тоҷик» мегардад.***

**– Пеш аз ҳама, салоҳияти сайёҳии вилояти Фарғонаро мухтасар муаррифӣ мекардед.**

– Фарғона дар самти сайёҳӣ дорои имкониятҳои бузург мебошад. Сайёҳони чи хориҷӣ ва чи ватанӣ зимни ташриф аз шароити созгор баҳраманд мешаванд. Сифати хидматрасониҳо низ сол аз сол рӯ ба беҳбуд овардааст ва нақлиёту логистика, меҳмонхона ва хӯроки умумӣ дар хидмати онҳо қарор доранд. Гузашта аз ин, вилоят дар қалби Осиёи Марказӣ, дар қисмати роҳҳои қадимӣ, табиати беназир ва меҳмоннавозии баланд воқеъ гаштааст. Он ҳар як меҳмонро бо таърих, фарҳанг, ҳунармандӣ ва сайёҳии муосир ва зебо ба худ мафтун мекунад.

**– Соли сипаришудаистода барои ҷанбаи сайёҳӣ чӣ дастовардҳо дошт?**

– Имсол барои мо соли рушди бузурги сайёҳӣ маҳсуб меёфт. Зеро теъдоди сайёҳоне, ки ба вилоят ташриф оварданд, нисбат ба соли гузашта 1,5 маротиба афзоиш ёфт ва дар маҷмӯъ ба 3 миллиону 669 ҳазор нафар расид. Аз ин шумор 510 ҳазор нафарро сайёҳони хориҷӣ ва боқимондаро сайёҳони ватанӣ ташкил мекунанд. Ин афзоиш тасодуфӣ нест. Дар солҳои охир инфрасохтори сайёҳӣ дар вилоят босуръат рушд кардааст. Ба ин 49 иншооти нави ҷойгиркунӣ – меҳмонхона, хостел ва меҳмонхонаҳои оилавиро мисол метавон овард. Дар натиҷа шумораи умумии иншооти ҷойгиркунӣ ба 402 адад, миқдори катҳо ба 8272-то расид.

**– Кадом ҷойҳо дар атрофи маркази вилоят бештар мавриди таваҷҷуҳи сайёҳон қарор мегиранд?**

– Дар аввал бояд қайд кунам, ки ҳадафи асосии мо фароҳам овардани шароити бароҳат, бехатар ва муосир барои ҳар як меҳмон аст. Дуюм, вилояти мо шомили минтақае ҳаст, ки дар он табиат ва таърих бо ҳам мепайванданд. Водии Фарғона асрҳо чорроҳаи фарҳангҳо буд. Ҳатто имрӯз ҳам, шаҳрҳои таърихӣ ва мактабҳои ҳунармандии анъанавӣ дар ин ҷо эҳтироми баланд доранд. Аз ҷумла, сафар ба «Чинор таги»-и деҳаи Водили ноҳияи Фарғона, «Етти булоқ»-и деҳаи Авval, «Меҳригиё»-и ноҳияи Учкӯприк, хоҷагии ҷангали давлатии Қӯқанд, маҷмааи аспсавории «Водий тулпорлари»-и шаҳри Қӯвасой, соҳилҳои обанбори Каркидон-и ноҳияи Қува, ширкатҳои агросаноатии «Миндонобод» ҷойҳои диданӣ ва барои саёҳат хеле мувофиқанд.

**– Дар бораи шаҳрҳои таърихиву меъморӣ чиҳо метавон гуфт?**

– Шоҳасари меъмории асри тиллоӣ – қасри Худоёрхон, воқеъ дар шаҳри Қӯқанд, бо нақшҳои аҷиб ва аҳамияти таърихии худ мӯъҷизаи воқеии фарҳанги шарқӣ мебошад. Ин шаҳр, ки маркази хонигарии Қӯқанд буд, макони ҷолибе барои сайёҳии зиёратӣ ва дӯстдорони таърих аст. Қӯқандро метавон яке аз қадимтарин шаҳрҳои Осиёи Марказӣ номид. Аввалин зикри он ҳамчун шаҳри алоҳида ба асри X рост меояд. Дар он замон шаҳр «Ҳавоканд» ё «Хӯқанд» ном дошт ва дар қаламрави худ як маркази хеле бузурги тиҷоратӣ дошт. Аммо ин шаҳр дар асри XIII аз ҷониби муғулҳое, ки ба он ҳамла карда буданд, комилан хароб карда шуд. Пеш аз ин, шаҳр қисми давлати Давони Чин буд. Ҳангоми кофтуковҳо дар минтақаи ёдгориҳои Мӯйи Муборак, Эски Қӯрғон ва Тепа Қӯрғон, биноҳои қадимӣ ва ашёи сафолӣ пайдо шуданд, ки 2 ҳазор сол пеш сохта шудаанд. Ин шаҳр аз бисёр чизҳо гузашта, дар асри XVIII ба авҷи рушди худ расид. Дар ин давра шаҳр мақоми пойтахти хонигарии Қӯқандро гирифт. Имрӯз ин шаҳрро маркази ҳунармандӣ меноманд, зеро дар қаламрави он ҳунармандони зиёде зиндагӣ мекунанд. Ҳамчунин, ҳар ду сол як маротиба дар Қӯқанд «Фестивали байналмилалии санъати амалӣ» баргузор мешавад.

Марғелон бошад, ватани матоъҳои атлас ва адрас аст. Ҳунармандони ин ҷо то ҳол усулҳои анъанавии бофтани абрешимро нигоҳ медоранд. Бозори абрешим ва коргоҳҳои Марғелон аз ҷониби сайёҳон бо шавқи зиёд омӯхта мешаванд. Пайдоиши Марғелон бо кушодашавии Роҳи Абрешим зич алоқаманд аст. Аз замонҳои қадим, ҳатто имрӯз ҳам, Марғелон пойтахти абрешими Ўзбекистон аст. Хонатласи машҳур, ки бо даст бофта ва бо истифода аз технологияи қадим ранг карда шудааст, дар ин ҷо истеҳсол мешавад. Гулдӯзии Марғелон бо зебоӣ ва беназирии худ машҳур гаштааст.

**– Дар қаламрави вилоят воқеъ гаштани шаҳристони Риштон оё ба афзоиши теъдоди сайёҳон мусоидат хоҳад кард?**

(Давомаш дар саҳ.2).

## САРФАИ ОБ – ТАЛАБИ ЗАМОН



***Об манбаи ҳастии ҳамаи мавҷудоти олам буда, ҷаҳону зиндагониро зебоӣ ва сарсабзиву озодагӣ мебахшад. Мушоҳида кардаем, дар ҳар минтақае, ки об ҳаст, он дар муқоиса ба минтақаи беоб ё камоб шукуфотар аст. Мавҷудияти ин неъмати бебаҳо омили ташаккули паҳлуҳои гуногуни ҳаёт буда, набудани он сабаби мушкилоти зиёдест, ки тасаввур кардан душвор аст.***
***Имрӯз вазъи дастрасии об дар ҷаҳон ногувор мебошад. Дар шароити норасоии рӯзафзуни об, бидуни шак, истифодаи сарфакорона ва оқилонаи он вазифаи муҳим аст. Дар Ҷумҳурии Ўзбекистон ба ин масъала мунтазам таваҷҷӯҳ зоҳир карда, шабакаҳои обёрӣ таъмир мешаванд, техникаву технологияҳои сарфакунандаи об ҷорӣ мегарданд.***

Бо вуҷуди ин соли гузашта захираҳои об дар Ўзбекистон, аз ҷумла обанборҳои фаромарзӣ 6,5 миллиард метри мукааб кам шудаанд.

Дар ҷаласаи 90-уми Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии об (МКВК), ки имсол дар Остона (Қазоқистон) баргузор гардид, ба иштирокдорон дар бораи Барномаи идоракунии захираҳои об ва рушди бахши ирригатсия дар Ўзбекистон барои солҳои 2025-2028 маълумот пешниҳод карда шуд.

Дар кишвари мо барои таъмир намудани шабакаҳои обёрӣ ва ҷорӣ кардани технологияҳои сарфакунандаи об тӯли солҳои 2020-2024-ум 60 триллион сӯм маблағ аз буҷа ва 622 миллион долларина сармояи хориҷӣ равона гардидааст. Дар натиҷа, агар соли 2020 майдонҳое, ки дар онҳо технологияҳои сарфакунандаи об истифода мешуданд, ҳамагӣ 4 фоизи масоҳати умумии заминҳои обёришавандаро ташкил карда бошад, соли 2025 ин нишондиҳанда аз 50 фоиз гузашт.

Барои идома додани ин корҳо барномаи идоракунии захираҳои об тасдиқ гардидааст.

Пешбинӣ шудааст, ки боз дар 1,4 миллион гектар технологияҳои сарфаи об ҷорӣ карда шаванд, аз ҷумла барои обёрии қатрагӣ ба 293 ҳазор гектар. Ҳаҷми заминҳои обёришавандае, ки сатҳи таъминоташон бо об паст аст, бояд аз 424 ҳазор то 276 ҳазор гектар кам карда шавад.

Тавре сарвари давлат 12 август, ҳангоми шиносоӣ бо пешниҳодҳо оид ба идоракунии захираҳои об ва рушди бахши ирригатсия таъкид намуд, роҳи ягона барои тағйироти куллӣ дар соҳаи хоҷагии об рақамикунонист. Зеро ин шаффофият ва дақиқиро дар соҳа таъмин ва фасодро пешгирӣ мекунад.

Дар Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» ва Консепсияи рушди хоҷагии оби Ўзбекистон барои солҳои 2020-2030 низ вазифаҳои муҳими ин самт нишон дода шудаанд. Бо такя ба нишондиҳандаҳои пешбинишудаи ин ҳуҷҷатҳо маҷмӯи васеи чорабиниҳо амалӣ шуданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Фармони Президент – дар амал*

# ИНСОН – БАНДАИ ЭҲСОН

***Боиси хушнудист, бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи сарвари давлатамон дар Ӯзбекистони Нав мардуми ниёзманд мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор ёфта, аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ карда мешаванд.***

Сокини маҳаллаи Хоҷа Аҳрори Валии ноҳияи Самарқанд, ногирои гурӯҳи дуюм Ҳусейн Ҳусейнов, ки дар рӯйхати оилаҳои камбизоат аст, аз ташриф ва суханони ходими Бонки халқӣ, ки ба ӯ нафақа оварда буд, ба ҳайрат афтод.

– Ако, имрӯз шумо миллионер мешавед, – бо табассуми гуворо гуфт Носирҷон, – аввал ба ин коғаз имзо гузоред.

Ҳусейн итоаткорона хоҳиши ходими бонкро иҷро намуд ва суоломез ба сӯяш нигарист. Носирҷон ғайр аз нафақапулӣ бар илова боз як миллион сӯм дод.

– Магар нафақа зиёд шудааст? – бо тааҷҷуб пурсид ӯ, – мо бехабар.

– Кумакпулӣ аз ҳисоби сарвари давлатамон, – фаҳмонд Носирҷон, – ҳамаи ногироҳои гурӯҳи якум ва дуюм ба чунин имтиёз соҳиб шудаанд.

Аз чунин навид табъи нафақахӯр Ҳусейн Ҳусейнов болида гашт ва ба ҳаққи Президенти меҳрубону дилсӯз дуо намуд ва гуфт, ки дар арафаи фарорасии Соли нав чунин ғамхорӣ айни муддаост.

Дар асоси барномаи «Аз камбизоатӣ ба сӯи некӯаҳволӣ» ба оилаҳои мӯҳтоҷ кумаку ёрии беғаразона расонида мешавад.

– Дар Самарқанд, – гуфт котиби матбуоти садорати таъмини шуғл ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар вилоят Роҳила Очилова, – беш аз 70 ҳазор оилаи камбизоат мавҷуд. Мо дар асоси қонун ба оилаҳои камтаъмин 140 намуди хизматрасонии иҷтимоӣ ва кумаку имтиёзҳои давлатро мерасонем. Омилҳоеро, ки таъмини шуғли чунин шахсонро маҳдуд месозанд, бартараф намуда,ба онҳо барои ба даст овардани даромади муайян шароити мусоид фароҳам меоварем. Аксарияти оилаҳои камбизоат дар ноҳияҳо ба сар мебаранд. Мо барои аз замини назди ҳавлигӣ пурсамарона истифода бурдан тракторҳои мӯъҷаз ва дигар гуна техникаи хоҷагии қишлоқро ройгон гирифта медиҳем. Ба бонувон ҳадя намудани мошинҳои дарздӯзӣ, қолинбофӣ ва ғайраро тухфа кардан ба анъанаи нек табдил ёфтааст. Инчунин барои ривоҷу равнақи чорводорӣ, паррандапарварӣ, боғдорӣ, токпарварӣ моҳипарварӣ низ кумаки беғаразонаи ҳомиёна мерасонем.



Фарзандони оилаҳои ниёзманд дар истироҳатгоҳи дар бағали кӯҳсор ройгон таътили тобистонаро гузаронида, ба шаҳру вилоятҳои кишварамон ба саёҳат мераванд.

Бо мақсади тавсеаи фарогирӣ ва намудҳои хидматҳои иҷтимоӣ ба ашхосе, ки ба нигоҳубини дигарон ниёз доранд, барномаи «Қадам ба ҳаёти фаъол» роҳандозӣ шудааст.

Идораи мо ба нақша гирифтааст, ки дар соли 2026 беш аз 110 ҳазор нафар шахсро бо шуғл ва кори доимӣ таъмин намоем. Ин ҷойҳои корӣ аз ҳисоби роҳандозии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, васеъ кардани соҳаи хидматрасонӣ ва сервис, рушди кишоварзӣ ва соҳаи бинокорӣ ташкил карда мешавад. Ғайр аз ин, дар ҳамкорӣ бо идораҳои андоз фаъолияти беш аз 65 ҳазор нафар шаҳрвандонро, ки дар сектори ғайрирасмӣ фаъолият доранд, шаффоф мекунем.

**– Роҳила, акнун «Дафтари занон»-ро варақ занем...**

– Дар вилояти Самарқанд исму насаби беш аз 46 ҳазор нафар бонувон ба «Дафтари занон» сабт шудааст, ки сол то сол ин адад коҳиш ёфта истодааст. Зеро аксарияти онҳо бо корҳои фоидабахшу тадбиркорӣ машғул мешаванд. Мо дар навбати худ ёрии беғаразона мерасонем.

Умедворем, ки дар соли оянда аз сабаби беҳтару хубтар гардидани шароити зиндагии онҳо аксарияти бонувон аз рӯйхати «Дафтари занон» бароварда мешаванд. Шояд муштариёни «Овози тоҷик» огоҳӣ доранд, ки сарвари давлатамон дар ҳар як баромад ва ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба масъалаҳои чораҳои дастгирии оилаҳои камбизоат, таъмини шуғли ашхоси маълул, тавсеаи фарогирӣ ва намудҳои хидматҳои иҷтимоӣ ҳарф мезананд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# САРМОЯ БА ОЯНДАИ ДУРАХШОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Кӯдакистони оилавӣ нисбат ба муассисаҳои томактабии анъанавӣ чандирии бештари вақти корӣ дорад. Қабули кӯдакон дар бисёр мавридҳо мувофиқи имконият ва шароити оилаҳо ба роҳ монда мешавад. Ин ба волидон, махсусан онҳое, ки ҷадвали кориашон тағйирёбанда аст, имкон медиҳад бо осонӣ фаъолияти корӣ ва тарбияи фарзандро ҳамоҳанг созад. Ғайр аз ин, чунин муассисаҳо одатан дар маҳаллаи истиқоматии оилаҳо ҷойгир буда, равуои кӯдак осон мегардад.

Илова бар ин, кӯдакистони оилавӣ метавонад роҳи ҳалли мушкили норасоии муассисаҳои томактабӣ дар баъзе минтақаҳо гардад. Бо ташкили чунин муассисаҳо дар маҳалҳо имконияти фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ фароҳам меояд.

– Дар кӯдакистони оилавӣ робитаи мустаҳками тарбиятгар бо волидон яке аз қоидаҳои асосӣ ба шумор меравад, – мегӯяд тарбиячии кӯдакистони «Софиябону» Гавҳар Муҳаммадҷонова. – Раванди таълиму тарбия дар кӯдакистони мо бо се забон – тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ ба роҳ монда шудааст. Волидон ҳамарӯза аз ҷараёни рушд, рафтор ва ҳолати рӯҳии фарзанди худ огоҳ мегарданд. Ин ҳамкорӣ ба тарбияи мувофиқ ва ҳамоҳангии кӯдак мусоидат мекунад.

Барои фаъолияти кӯдакистони оилавӣ риояи меъёрҳои санитарӣ, гигиенӣ ва бехатарӣ ҳатмист. Муассиса бояд дорои ҳуҷҷатҳои зарурӣ, шароити мувофиқ барои бозӣ, хоб, ғизодиҳӣ ва омӯзиш бошад. Назорати мунтазами муҳит ва реҷаи рӯз дар ҳифзи саломатии кӯдакон нақши калон мебозад.

– Кӯдакистони оилавӣ дар рушди низоми таҳсилоти томактабӣ мавқеи хоси худро пайдо кардааст, – афзуд Д. Шомуродова. – Он барои кӯдакон муҳити гарму ором ва барои волидон дастгирии боэътимод фароҳам меорад. Бо назардошти талаботи афзоянда, густариши чунин муассисаҳои таълими томактабӣ метавонад ба беҳтар шудани шароити тарбияи аввали кӯдакон дар кишвар мусоидат намояд. Кӯдаке, ки омӯзиши томактабиро дар муҳити дуруст ва созанда мегузарад, ба синфи якум бо омодагии баланд меравад. Ҳамаи ин асоси муваффақияти минбаъдаи таълимӣ мебошад.

Дилнавоз Шомуродова барои оянда нақшаҳои калон дорад. Айни замон сохтмони бинои иловагӣ барои васеъ кардани кӯдакистон идома дорад.

Кӯдакистон танҳо як муассисаи хидматрасонӣ нест – ин сармоягузорӣ ба хушбахтӣ ва ояндаи дурахшони фарзандон аст. Интихоби дуруст метавонад ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон мусоидат карда, ба онҳо имкон медиҳад, ки ба оянда бо боварии комил қадам гузоранд.

**Мағфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАМАНГОН.*

# ФАРҒОНА – ГАВҲАРИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

– Риштон маркази ҷаҳонии сафолгарони мост. Зарфҳои махсуси «гармранг»-и сирдор, ки кулолгарони Риштон сохтаанд, дар осорхонаҳои Аврупо то ба Ҷопон ба намоиш гузошта шудаанд. Аҳолии маҳаллӣ қариб ҳазор сол пеш ба сохтани сафолҳо шурӯъ кардаанд. Дар аввал онҳо аз гил зарфҳои оддӣ месохтанд ва сипас бо ёрии «ишқор»-и сирдори махсуси кабуд онҳоро оро медоданд. Ин сир, ки ҳунармандон барои тайёр кардани рангҳои табиӣ истифода мебаранд, ба як хусусияти хоси Риштон табдил ёфтааст. Маъруфтарин маҳсулот инҳоянд: лаган, коса, пиёла ва кӯза.

**– Акнун суҳбатамонро роҷеъ ба сайёҳии экологӣ ва кӯҳӣ идома диҳем. Дар вилоят то чи андоза ин намудҳои сайёҳӣ рушд намудааст?**

– Ҷойҳои зебои табиӣ дар вилояти мо Шоҳимардон, Водил, Еттибулоқ – макони воқеӣ барои онҳое унвон гирифтаанд, ки сайёҳии экологиро бо манзараҳои доманакӯҳ, ҳавои тоза ва шаршараҳои табиӣ пешкаш мекунанд. Шоҳимардон ҷозиба ва таровати беназир дорад. Ҳар фарде, ки он ҷо меравад, ӯро кӯҳҳои боҳашамат, табиати сероб, ҷӯйборҳои булӯрин ва ҳавои тоза ба худ мафтун месозад, зиёрати Ҳазрати Алӣ ба рӯҳияти шахс оромӣ мебахшад. Дар Шоҳимардон мақбараҳои шахсиятҳои таърихӣ ба монанди Ҳазрати Алӣ Шоҳимардон ва Шоҳ Толиб мавҷуданд. Расмҳои сангӣ, ки дар ғори Калони Камар, воқеъ дар баландии 2500-2700 метр аз сатҳи баҳр, ёфт шудаанд, баёнгари ҳаёти пурҷӯшу хурӯшанд.

**– Ҳоло дар кишварамон ифодаи сайёҳии тиббӣ пайдо шудааст. Дуруст?**

– Вилояти Фарғона на танҳо бо ҷозибаҳои таърихӣ ва фарҳангии худ, балки бо имкониятҳои худ дар соҳаи сайёҳии тиббӣ низ фарқ мекунад. Дар минтақа марказҳои тиббии муосир, осоишгоҳ ва маҷмааҳои барқарорсозӣ фаъолият мекунанд. Онҳо бо мутахассисони баландихтисос дар табобати як қатор мушкилоти марбут ба системаи дилу раг, асаб, мушак ва устухон, аллергия хидмат мерасонанд. Яке аз самтҳои муҳимтарини сайёҳии тиббӣ дар Фарғона табобати балнеологӣ мебошад. Истифодаи обҳои маъданӣ, лойҳои шифобахш, чашмаҳои гарм ва усулҳои табиии барқарорсозӣ таъсири собитшудаи табобатӣ ба бадани инсонро дорад.

**– Мешавад гуфт, ки ҳоло ин ҷо технологияи муосири тиббӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд?**

– Бале. Иқлими тоза, ҳавои кӯҳӣ ва чашмаҳои шифобахши табиат самаранокии табобатро боз ҳам афзун намуда, сайёҳии тиббиро ба яке аз самтҳои умедбахши Фарғона табдил додаанд.

**– Дар бораи инфрасохтор ва иншооти нақлиётии муосир ибрози назар мекардед.**

– Фурудгоҳи байналмилалии Фарғона дар масофаи 7 километр аз маркази вилоят ҷойгир буда, зиёда аз 50 парвози байналмилалиро ба Аврупо, Осиё ва Ховари Миёна анҷом медиҳад. Ҳоло он ба яке аз марказҳои нақлиётии қулайтарин дар минтақа табдил ёфтааст.

**– Барои суҳбати пурмуҳтаво ташакур!**

– Саломат бошед!

Суҳбаторо

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Ба 967 мактаб 1774 китоб расонида хоҳад шуд. Дар мактаби рақами 9-уми шаҳри Тирмиз маросими тақдими китоб-албоми «Шавкат Мирзиёев – арбоби давлатӣ ва сиёсии сатҳи ҷаҳонӣ» баргузор шуд.***

# КОРВОНИ КИТОБ – БА ВИЛОЯТИ СУРХОНДАРЁ

Дар чорабинӣ ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов, масъулони соҳаи маориф, инчунин намояндагони шаҳр ва ноҳияҳо иштирок карданд. Дар доираи чорабинӣ ба роҳбарони 15 шуъбаи маорифи томактабӣ ва мактабии шаҳру ноҳияҳо аввалин бастаи китоб-албомҳо ботантана супурда шуд. Пас аз ин, корвони маърифатии иборат аз асарҳои Президент ба ҳамаи минтақаҳои вилоят равона гардид.

Тибқи нақша, дар ҳудуди вилояти Сурхондарё ба 967 мактаб 1774 адад китоб-албом расонида мешавад. Ин нашр дар ташаккули фазилатҳои роҳбарӣ, масъулият, ватандӯстӣ ва ҷаҳонбинии васеъ дар байни хонандагон аҳамияти хоса дорад.

**Сурайё НОРМАНӢ.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# МУВОЗИНАТИ ЭКОЛОГӢ – МАСЪАЛАИ МУҲИМИ ДАВР

***Мувозинати экологӣ ва масъалаҳои дигари марбут ба ландшафтҳои устувори Осиёи Марказӣ дар ҳамоиши минтақавӣ, ки ба қарибӣ дар шаҳри Тошканд ба вуқӯъ пайваст, баррасӣ гардиданд. Оҷонсии рушди ҷангал ва минтақаҳои сабз, мубориза бо биёбоншавии назди Кумитаи миллии экология ва тағйирёбии иқлими Ӯзбекистон таъсисгарони ин ҳамоиш буданд. Дар он намояндагони ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон, инчунин коршиносони байналмилалӣ ширкат варзиданд.***

Тавре дар маросими ифтитоҳи он зикр шуд, чорабинии мазкур як ҷузъи барномаи «Ландшафтҳои устувор дар Осиёи Марказӣ» (RESILANDCA+)-ро, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ шудааст, ташкил мекунад.

Банда ба ҳайси директори Агентии беҳтар кардани вазъи ҷангал ва минтақаҳои сабз ва мубориза бо биёбоншавӣ изҳор доштам, ки Барномаи мазкур бузургтарин ташаббуси барқарорсозии экосистема дар минтақа унвон гирифтааст ва ба устувории иқлими ҳамаи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ тавассути лоиҳаҳое, ки аз ҷониби мақомоти миллӣ амалӣ карда мешаванд, мусоидат хоҳад кард.

Директори иҷроияи Маркази экологии минтақавии Осиёи Марказӣ Ботир Маммедов изҳор кард, ки ҳамоҳангсозии сиёсати экологӣ ва хоҷагии ҷангал дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ барои идоракунии устувори захираҳо ва мувозинати афзалиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ хеле муҳим аст.

Намояндагони мақомоти давлатии кишварҳои ҳамсоя лоиҳаи шартномаҳои байналмилалии зикршударо баррасӣ карданд. Аз ҷумла, Солиҷон Мирзоев, ҳамоҳангсози лоиҳаи «Барқарорсозии ландшафтҳои устувор дар Тоҷикистон»-и Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Тоҷикистон, Талантбек Турдуматов, муовини директори Департаменти ҳифзи гуногунии биологӣ ва минтақаҳои ҳифзшавандаи Қирғизистон, Зауреш Алимбетова, муовини раиси Ассотсиатсияи созмонҳои экологии Қазоқистон, Ҳакимҷон Абдуллоев, роҳбари Департаменти миллии татбиқи лоиҳаҳои Агентии афзоиши ҷангалҳо ва минтақаҳои сабз ва мубориза бо биёбоншавии Кумитаи экология ва тағйирёбии иқлими Ӯзбекистон, Самад Сарихонов, сардори Раёсати хоҷагии ҷангали Вазорати ҳифзи муҳити зисти Туркманистон ва дигарон доир ба намунаҳои амалии ҳамкории муваффақонаи фаромарзӣ барои бунёди самараноки қаъри хушкшудаи баҳри Арал, амалияҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ оид ба татбиқсозии сиёсати ҳамоҳангшуда барои барқарорсозии манзараҳои устувор (ҷангалҳо, чарогоҳҳо, биёбонҳо ва ғайра) ва татбиқ кардани онҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва амсоли он ибрози назар намуданд.

Барномаи RESILAND CA+ айни замон дар ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон амалӣ мешавад.

Беш аз 700 гурӯҳи муштараки идоракунии ҷангал таъсис дода шудаанд. Лоиҳа инчунин таҳияи Кодекси нави экологӣ ва тағйирот ба Кодекси ҷангал ва аввалин Феҳристи миллии ҷангалҳоро аз соли 1989 дастгирӣ кард.

Дарвоқеъ, RESILAND CA+ ба барқарор кардани беш аз 250 000 гектар ҷангал ва чарогоҳҳо дар Ӯзбекистон мусоидат хоҳад кард. Лоиҳа дар 6 минтақа: Намангон, Сирдарё, Ҷиззах, Самарқанд, Қашқадарё ва Сурхондарё татбиқ карда мешавад. Шаш навъи барқарорсозии ландшафт таҳия карда, ниҳолхонаҳои махсус таъсис дода шудаанд, беш аз 10 000 гектар замини чарогоҳ тавора ва деворбандӣ гардидаанд, рушди экотуризм дар Боғи миллии Зомин, ки дар он 30 нафар сокинони маҳаллӣ ба кор ҷалб карда шудаанд, дастгирӣ карда мешавад.

**Эркин МУҲИДДИНОВ,**
**директори Оҷонсии ҷангали назди Кумитаи миллии экология ва тағйирёбии иқлими Ӯзбекистон.**

## *ХАБАРҲО*

### НОҲИЯИ ВОБКАНД – ДАР САФИ ҒОЛИБОН

***Мувофиқи қарори Президенти Ӯзбекистон «Дар бораи чораю тадбирҳои куллан такмил додани низоми корҳои маънавию маърифатӣ» аз 26 марти соли 2021 аз ҷониби «Маркази маънавият ва маърифат»-и ҷумҳурӣ ҳар сол озмунҳои «Вазорат ва идораи намунавитарин», «Шаҳр ва ноҳияи намунавитарин» баргузор мегардад.***

Мақсад аз гузаронидани ин чорабинӣ оммавӣ гардондани амалҳои пешқадами соҳаи маънавият ва маърифати мамлакат, рушд додани рақобати солим дар байни ҳудуд ва вазоратҳо, инчунин мустаҳкам намудани муҳити маънавии аҳолӣ, хусусан ҷавонон аст.

Дар марҳилаи ҷумҳурӣ 14-то шаҳру ноҳияе, ки дар марҳилаи вилоятӣ ғолиб омадаанд, иштирок карданд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки онҳо аз байни 208 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ интихоб шудаанд. Дар озмун намояндаи ноҳияи Вобканди вилояти Бухоро низ иштирок карда, соҳиби ҷойи сеюм, 30 млн. сӯм мукофоти пулӣ ва маҷмӯи китобҳо гашт.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

### СОҲАИ СЕРДАРОМАД

***Барои пурзӯр намудани кор оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва устувории нархҳо, қонеъ гардонидани талабот ба маҳсулоти гӯшт ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияи Норин ба парвариши паррандаҳо, хусусан парвариши мурғобӣ таваҷҷуҳи калон зоҳир карда мешавад.***

Ҳоло дар ҳавзҳои табиӣ ва сунъӣ парвариши паррандаҳо ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои хуб ба даст меоянд. Дар ҳудуди маҳаллаи Учтепа, ки партовгоҳ ва ҷойҳои ноистифода бисёр буд, соҳибкори маҳаллӣ Ихтиёр Мирзомаҳмудов фермаи парвариши мурғобиро таъсис дод. Ӯ аз ҳисоби худ 2500 чӯҷаи мурғобиро оварда, дар масоҳати 600 метри мураббаъ ҷой тайёр намуд. Дар давоми як сол бо парвариши мурғобӣ машғул шуд ва шумораи он ба 5000 сар расид.

– Мурғобиҳо дар як мавсим 5-6 моҳ тухм мегузоранд, – мегӯяд соҳибкор. – Ба нақша гирифтем, ки ба ғайр аз гӯшташ, аз парҳояш низ ҳамчун ашёи болишт ва кӯрпа истифода барем ва ба фурӯш бароварем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

### 387 МИЛЛИОН ДОЛЛАР – БАРОИ БЕХАТАРИИ РОҲ

***Дар сессияи навбатии Шӯрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд дар бораи татбиқи як қатор лоиҳаҳои бузурги роҳ аз ҳисоби маблағҳои Агентии ҳамкории байналхалқии Ҷопон ба миқдори 387 миллион доллари амрикоӣ қарори дахлдор қабул шуд.***

Солҳои охир рафтуомад тавассути гузаргоҳи Ҷартеппа – Саразм хеле густариш ёфтааст. Вале шоҳроҳи Самарқанд – Панҷакент ба талаботи байналхалқӣ ҷавобгӯ нест. Ана барои чӣ дар навбати аввал 97 миллион доллар ҷудо карда шуд.

Барои таъмиру тармими шоҳроҳи байналхалқии M39, ки шаҳру вилоятҳои Гулистон, Андиҷон ва Ошро бо ҳам мепайвандад, 174 миллион доллар ирсол хоҳад шуд. Мақсади асосӣ, роҳҳои минтақавӣ ва байналмилалиро беҳтар кардан ва бехатарии нақлиётро афзоиш додан аст. Зеро Самарқанд маркази сайёҳии Осиёи Марказӣ буда, мардум ғайр аз қатора ва ҳавопаймоҳо тавассути нақлиёт ба шаҳри зебову пурҷозибаи бостонии мо омаду рафт мекунанд.

**Б. ЗОҲИР.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*



# САРФАИ ОБ – ТАЛАБИ ЗАМОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Насбкунонии низоми «Оби оқил» дар ситодҳои ченкунии оби обанборҳо ва низомҳои ирригатсионӣ барои мониторинги захираҳои об, гузоштани таҷҳизоти «DIVER» дар чоҳҳои мушоҳидавии мелиоративӣ барои назорати сатҳи обҳои зеризаминӣ ва дараҷаи минерализатсияи хок, муҷаҳҳаз намудани истгоҳҳои насосӣ бо дастгоҳҳои мониторинги истеъмоли об, инчунин автоматикунонии идоракунии иншооти азими хоҷагии об аз ин ҷумлаанд. Ин чораҳо аллакай натиҷаҳои хуб медиҳад.

Дар назди Вазорати хоҷагии об Маркази рақамикунонии хоҷагии об таъсис дода шуда, низомҳои иттилоотии «Сув ҳисоби» ва «Насос стансиялари» таҳия гардиданд. Миқёси ин корҳо васеъ мешавад.

Ба шарофати чораҳое, ки таҳти роҳбарӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи Президенти кишвар амалӣ мешаванд, дар ҷомеа фарҳанги муносибати эҳтиёткорона ба об ташаккул меёбад. Ин имконияти иловагӣ барои зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ буда, таъминшавии амнияти озуқавориро фароҳам меорад. Далели равшан он аст, ки танҳо дар соли 2024-ум 8 миллиард метри мукааб оби сарфашуда барои парвариши киштҳои такрорӣ ва обёрии қитъаҳои наздиҳавлигӣ равона карда шуд.

Ба лоиҳаҳои шарикии давлативу хусусӣ барои кам кардани бори буҷа таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Тӯли солҳои 2020-2025 бо соҳибкорон 478 созишнома бо арзиши умумии 5,2 триллион сӯм баста шуд, шариконӣ хусусӣ 176 миллиард сӯмина сармоягузорӣ карданд. Амалияи идоракунии истгоҳҳои асосии насосӣ тавассути лоиҳаҳои шарикии давлативу хусусӣ васеъ мегардад. Тақрибан 50 фоизи истгоҳҳои насосӣ дар вилоятҳои Ҷиззах, Қашқадарё, Навоӣ, Намангон, Самарқанд ва Сирдарё ба шарикони хусусӣ дода мешаванд. Дар ноҳияи Чортоқи вилояи Намангон татбиқ намудани лоиҳаи озмоишии «як насос – як низом» пешбинӣ шудааст.

Вазорат якҷо бо Палатаи ҳисоб ва мақомоти прокуратура оид ба истифодаи мақсадноки маблағҳои ҷудошуда ва пешгирии ҳолатҳои фасод чорабиниҳо мегузаронад. Роҳи ягонаи баланд бардоштани самара ва натиҷабахшӣ дар хоҷагии об рақамикунонист. Он шаффофият ва дақиқиро дар соҳа таъмин хоҳад кард.

Об неъмати бузург ва сарчашмаи зиндагист. Сарвари давлат ба таҳкими муносибатҳои некҳамсоягӣ, таъмин кардани аҳолӣ бо об ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои фермерон, муваффақ шудан ба идораи самараноки захираҳои об ва истифодаи оқилонаи он ҷиҳати ҳаллу мушкилоти об дар минтақа эътибори ҷиддӣ медиҳад. Зиндагии осуда, фаровонӣ дар бозорҳои мо далели ин гуфтаҳост.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**шореҳи «Овози тоҷик».**

# САМАРАИ ИСЛОҲОТ: СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ БА АҲОЛӢ НАЗДИК МЕШАВАД

***Маълум аст, ки туфайли ислоҳот бисёр масъалаҳо ҳаллу фасл мешаванд, рӯзгорамон обод, зиндагиамон фаровонтар мегардад. Аз ҷумла мушкилоти ҳифзи саломатӣ, беҳтар кардани хидматрасонии тиббӣ ба сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Суҳбати мо бо роҳбари Садорати нигаҳдории тандурустии вилояти Бухоро Элёр ОЛТИЕВ дар атрофи ҳамин масъала ба амал омад.***



*Роҳбари Садорати нигаҳдории тандурустии вилоят Элёр ОЛТИЕВ ҳангоми қабули сайёр дар шаҳри Когон.*

**– Элёр Дониёрович, хуб мешуд дар бораи вазъи кунунии соҳа маълумот медодед.**

– Алҳол вилоят 2 миллион аҳолӣ дорад.

Ҷамъ 261 муассисаи тиббӣ, аз ҷумла, 1 шуъбаи ҳифзи тандурустӣ, 17 маркази тиббӣ, 1 диспансер, 13 иттиҳодияи тиббии шаҳрию ноҳиявӣ, 1 маҷмааи таваллуд, 102 поликлиникаи оилавӣ, 12 поликлиникаи марказии бисёрсоҳа, 86 нуқтаи шифокори оилавӣ, 1 беморхонаи ихтисосонидашуда, 14 шуъбаи осоиштагии санитарию эпидемиологӣ ва саломатии ҷамоатӣ, 1 поликлиникаи стоматологӣ, 2 осоишгоҳ ва ғайра ба мардум хидмати тиббӣ мерасонанд.

**– Оё дар вилоят сектори хусусӣ муассисаҳои табобатии худро дорад?**

– Бале, шумораи муассисаҳои сектори хусусии вилоят 714-адад буда, 569-тои онҳо дар равияи амбулоторӣ, 145-тоашон дар равияи статсионарӣ оид ба 70 намуди ихтисос хидмат мерасонанд. Ҷамъаш 6979 ҷойи муолиҷагирӣ мавҷуд буда, 5582-тоаш ҷойҳои муолиҷагирии буҷавӣ, 1397-тоаш ҷойҳои муолиҷагирии ҳисоби хоҷагӣ мебошанд. Инчунин 157 ҷойи статсионарии буҷавии муолиҷагирии рӯзона ва 1444 ҷойи муолиҷагирии рӯзонаи муассисаҳои амбулаторию поликлиникавӣ мавҷуданд.

Дар муассисаҳои ёрии аввалини тиббию санитарии вилоят 967 бригадаи тиббӣ созмон ёфтаанд, ки 454 хонаи муоинаи назди духтур доранд. Ба аҳолии вилоят аз ҷониби 220 муассиса хидмати нахустини тиббӣ-санитарӣ расонда мешавад.

**– Масъалаи таъминоти муассисаҳои тиббии вилоят бо кадрҳо – мутахассисон чӣ гуна аст?**

– Имрӯз дар тамоми муассисаҳои тиббии мо 5466 шифокор ва 23211 корманди миёнаи тиббӣ фаъолият доранд. Сатҳи таъминот бо шифокори маълумоти олӣ нисбати 10000 аҳолӣ 26,2 нафарро ташкил медиҳад. Саҳми духтурони соҳиби тоифа дар соҳа 26,3 фоиз аст. Алҳол дар муассисаҳои ҳифзи тандурустии мо 174,5 воҳид ҷойҳои холӣ мавҷуданд.

Дар муассисаҳои хусусии тиббӣ 2750 корманди тиббӣ, аз ҷумла, 810 шифокор, 1200 корманди миёнаи тиббӣ ва 750 ходими дигар фаъолият доранд.

**– Масъалаи такмили ихтисосро чӣ гуна ҳаллу фасл мекунед?**

– Бо мақсади мустаҳкам намудани салоҳияти худ тӯли 10 моҳи гузаштаи соли сипаришуда зиёда аз 100 шифокор дар клиникаҳои бонуфузи хориҷӣ, беш аз 800 нафари дигар дар худи ҷумҳурӣ ва вилоят малакаи худро такмил доданд.

Ният дорем, ки дар соли 2026 боз 115 корманди тиббӣ дар хориҷа, 1350 мутахассис дар ҷумҳурӣ ва вилоят малакаи касбиашонро такмил диҳанд.

**– Оид ба масъалаи ҳавасмандгардонии кормандон чӣ гуфтанӣ доред?**

– Имсол 21 шифокоре, ки беғаразона хидмат кардаанд, бо нишони сарисинагии Вазорати ҳифзи тандурустӣ – «Аълочии ҳифзи тандурустӣ» тақдир карда шуданд. Чанд нафар сазовори мукофотҳои давлатӣ гардиданд.

**– Мустаҳкамтар шудани пойгоҳи моддиву техникии муассисаҳои ҳифзи саломатӣ оё омили муҳими болоравии сифати хидматрасонии тиббӣ шуда метавонад?**

– Бешубҳа, ин ҳама, асоси беҳ шудани сифати кори мост. Хушбахтона,инфрасохтори соҳа сол то сол беҳтар мегардад. Танҳо соли 2025 дар 70 муассисаи тиббӣ корҳои таъмиру сохтмон сурат гирифтанд. Бо ин мақсад 184 миллиарду 359 миллион сӯм маблағ ҷудо гардида, пойгоҳи моддиву техникии онҳо мустаҳкамтар шуд. Дар доираи барномаи сармоявӣ барои таъмиру сохтмони 2 иншоот 44 миллиард сӯм, дар асоси қарори Девони Вазирон аз 7 майи соли ҷорӣ барои чараёни сохтмону касби 23-то иншоот 63 миллиарду 450 миллион сӯм ҷудо гардида, корҳои бунёдкорӣ иҷро шуданд.

Таъкид кардан мехостам, ки 14 августи соли ҷорӣ якҷо бо вазири нигаҳдории тандурустӣ Асилбек Худоёров бинои МРТ/МСКТ-и шуъбаи вилоятии Маркази илмии ёрии фаврии тиббии ҷумҳурӣ, осорхона, китобхона, маҷлисгоҳи замонавӣ ва толори интизории беморхонаро ба истифода супоридем. Ғайр аз ин ба кор даромадани бинои нави диспансери эндокринологияи вилоят, бинои нави беморхонаи марказии ноҳияи Шофиркон ва бисёр дигар боиси хурсандии аҳолӣ гардиданд.

Соли равон ба 1 миллиарду 36 миллион сӯм маблағ 211 адад таҷҳизоти тиббӣ таъмир карда шуданд, ба қимати 8 миллиард сӯм 187 ҷиҳози нави тиббӣ харидем.

**– Чанд сухан дар бораи чараёни корҳо бобати рақамӣ кунонидани соҳа мегуфтед.**

– Дар ин бобат низ корҳои назаррас ба сомон мерасанд. Хусусан агар дар давраи даҳ моҳи гузаштаи соли равон аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ ба маблағи 6 миллиарду 383 миллион сӯм 982 дона, аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ба маблағи 12 миллиарду 259 миллион сӯм 1886 дона компутер гирифта бошем, то охири сол аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ харидии боз 407 адади дигар дар назар аст.

**– Дар бораи натиҷаҳои сифатии фаъолияти имсолаи тиббиёти вилоят чанд сухан мегуфтед.**

– Агар нишондиҳандаҳои асосии омории тиббиро таҳлил кунем, бояд гуфт, ки соли ҷорӣ натиҷаҳои мусбат ба даст омаданд. Аз ҷумла таваллуд нисбат ба 9 моҳи соли гузашта 2 промиллӣ, афзоиши табиии аҳолӣ 1,9 промиллӣ маҳдуд гаштааст. Фавти модарон дар 9 моҳи соли гузашта 7 нафар буд, имсол 2 нафар аст, яъне 5-то кам мебошад. Фавти кӯдакон дар 9 моҳи соли гузашта 281-то буд, имсол 226-тост.

**– Дар вилоят тӯли 6 моҳи аввали соли 2024-ум 607998 бемор ба қайд гирифта шудаанд, ин нишондиҳанда дар 6 моҳи соли ҷорӣ ба 640094 нафар расидааст. Чаро миқдори беморон ба 32096 адад афзудааст?**

– Саволатон дуруст аст. Ин афзоиш натиҷаи болоравии сифати назорати тиббии аҳолӣ дар ҳудудҳост. Ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе аз ҷониби сармутахассисони вилоят, ҳар рӯз аз ҷониби духтурони поликлиникаҳои марказӣ ва беморхонаҳо дар асоси нақша дар ду маҳалла гузаронида шудани назорати тиббӣ, инчунин ба низом даровардa шудани тадбирҳои скринингӣ ва сари вақт муайянкунии бемориҳост. Яъне духтурон ҳоло на фақат бо муолиҷаи беморони ба қабуломада машғуланд, балки ба ҳудудҳо рафта, аз байни аҳолӣ шахсони ба маризӣ гирифторшудаву хавфи гирифторшавидоштаро бо мақсади илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ ҷустуҷӯ менамоянд. Бояд гуфт, ки ин услуб хеле судовар буда, дар соҳа нав аст. Аз ҷумла ба 726 бемор барои муолиҷа ба марказҳои ихтисосонидашудаи ҷумҳурӣ, ба 4823 мариз барои табобат дар муассисаҳои муолиҷакунию профилактикаи вилоят роҳхатҳои имтиёзнок дода шуданд. Ин чараён соли 2026 низ вусъат меёбад. Хусусан, бармаҳал муайян кардани бемориҳои онкогематологӣ, гелминтоз, саратони бонувон ва ғайра ба нақша гирифта шудаанд.

(Давомаш дар саҳ.4).

Китоби нав

# САД СОЛ: АЗ «РӮЗГОРИ МОЗӢ» ТО «ШАБИ ЯЛДО»

***Рӯзҳои охир дар бораи ҳодисаи нодир шудани нашри ин романи таърихӣ овозаҳо паҳн шуданд. Хулосаи умумии онҳо ин буд: идомаи романи «Ӯткан кунлар» («Рӯзгори мозӣ»)-и Абдулло Қодирӣ бо номи «Шаби ялдо» чоп мешудааст. Ҳатто рӯзномаи «Ҳуррият» порчаеро аз ин роман чоп кард. Ҳамин тариқ дар аксарият майли дидану хондани ин асар пайдо шуд. Аммо гуфтанд, ки асар ҳанӯз дар дасти чоп аст.***




Ва ниҳоят, чанде пеш аз унвони Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Осорхонаи Абдулло Қодирӣ, Осорхонаи «Қурбониёни табъид», нашриёти «Xaybar-25» оид ба баргузории рӯнамои китоб даъватнома расид. Бисёр рамзист, ки ин рӯнамо дар толори маҷлисгоҳи Бунёди иҷтимоии «Хотираи шаҳидон», воқеъ дар ноҳияи Юнусободи пойтахт, яъне, дар ҷое, ки ҳазорон фидоии миллат, шаҳидони роҳи истиқлол дар солҳои 1937-1938 қурбон шудаанд, дар таърихи 21 декабр, дар арафаи воруди Шаби ялдо – шаби дарозтарини зимистон баргузор гардид. Бинобар ин дар оғози анҷуман дар ҳаққи қурбониёни солҳои таъзиқу табъид, хусусан қаҳрамонони «Шаби ялдо» аз оятҳои Қуръони карим тиловат карда шуд.

Сипас адабиётшиносони маъруфи кишвар дар бораи мазмун, моҳият ва аҳамияти китоби мазкур суханронӣ карданд.

Раиси Иттифоқи нависандагон Сироҷиддин Саид, аз ҷумла зикр кард, ки «Ин асар гӯё чун идомаи романи «Рӯзгори мозӣ»-и машҳур буда, пеш аз ҳама ҳамчун ифодаи эҳтироми баланд нисбати Абдулло Қодирӣ ва ҳамсафони ӯ офарида шудааст. «Шаби ялдо» чун «Рӯзгори мозӣ» аз аввал то охир ғамангез ва дар айни вақт як асари некибинона аст. Бовар дорем, ки ин роман низ ба қалбамон роҳ ёфта, ба китоби муътабар табдил меёбад. Аз он на фақат рӯҳи фидоиёни Ватан шод мегардад, балки хонандаро ба иштирокчии фаъоли даври Эҳё, ҳифзи истиқлоли миллӣ ҳидоят менамояд. Устоди муҳтарам Иброҳим Ғафуров ҳамчун муҳаррири масъули роман хеле заҳмат кашида, кори бузурги эҷодиро анҷом доданд».

Адабиётшиноси маъруф И. Ғафуров дар бораи муаллиф қайд кардааст: «Ин китобро ӯ бо истифода аз мистификатсияи адабӣ ба тарзи китоби дуюми «Рӯзгори мозӣ» навишт; аз номи Қодирии бузург ба сифати Қодирӣ навишт». Ин навиштаҷот, ки дар муқоваи китоб ҷой гирифтааст, бешубҳа, таваҷҷуҳи ҳар кадоми моро ба худ ҷалб менамояд.

Академик Шуҳрат Сироҷиддинов зимни суханрониаш ҳамчун эҳтиёҷи таърихӣ арзи ҳастӣ намудани романро бо чанд далел собит намуд. Роман тӯли таърихи 100 соли охир бо ҷиҳатҳои хос ва ҷозибааш, рӯҳи миллиаш китоби нодиру пурмазмун аст, гуфт ӯ. – Муҳимтар аз ҳама, асар аз услуб, забон ва оҳанги сухани қодириёна саршор аст. Мо – адабиётшиносон ва китобхонон солҳои зиёд мушоҳида менамудем, ки муаллиф Абдулло Қодириро пири маънавии худ шумурда, ҳамчун қодиришинос ва муҳаққиқи нуктасанҷ фаъолият дорад».

Ба ин гуфтаҳои профессор Нурбой Ҷабборов таваҷҷуҳ кунед: ман бо романи таърихии «Шаби ялдо» мисли аксар дӯстон ҳанӯз дар шакли дастнавис шинос шудам, онро бо завқи тамом хонда баромадам. Дар ин асно чандин рӯз бо қаҳрамонони он дар як давру муҳит зиндагӣ кардам, мамнун шаванд, мамнун, маҳзун бошанд, маҳзун шудам».

Суханони профессор Баҳодир Каримов идомаи мантиқии мулоҳизаҳои нотиқони фавқуззикр буд: «Дар роман лавҳаҳое, ки қалби инсонро ба ларза меоранд, зиёданд. Офати гуруснагӣ, дег хостани ҳамсоя ва дар он дег ёфт шудани боқимондаи устухонҳои пойи кӯдак, сарнавишти фоҷиабори Зумрадбибӣ, ки мусибати ба сари оилааш омадаро бардошта натавониста, ба ҷойгаҳ меафтад, ҷасорати охирини Ёдгорбек дар ҷангалҳои Сибир, парронда шудани Сӯйима, ҷангҳои ғоявӣ ва ҳақиқии байни бародарон – Озодбек ва Одилбек, дар анҷом ҳалок шудани ҳар ду дар роҳи маслаки хеш».

Хулосаи муҳаққиқ: «Романи таърихии «Шаби ялдо» ҳодисаи махсус ва ҷиддӣ дар адабиёти муосири ӯзбек аст».

Ногуфта намонад, ки «Рӯзгори мозӣ»-и Абдулло Қодирӣ расо сад сол қабл аз ин, соли 1925 нашр шуда буд. Баъд аз як аср навишта шудани романи нави таърихӣ, бидуни шубҳа, ҳодисаи тасодуфӣ нест!

Адабиётшиноси номӣ Шуҳрат Ризоев низ фикри ҷолиберо, аниқтараш розеро фош намуд. Бино ба гуфтаи ӯ вай ҳамчун адабиётшинос солҳо орзу доштааст, ки давоми «Рӯзгори мозӣ» навишта шавад. Хостааст ин нияташро ба нависанда Асқад Мухтор изҳор кунад, аммо ба чанд сабаб мавриди гуфтан пайдо накардааст. Пасон ба адиб Тоҳир Малик муроҷиат намудааст, вале пас аз мулоҳизаҳои дуру дароз барои офаридани чунин асар маҷоли маънавию ҷисмонӣ надоштанашро пеш овардааст. «Ниҳоят орзуям ҷомаи амал пӯшид» бо мамнуният изох дошт ӯ.

Набераи Абдулло Қодирӣ Хондамир низ нашри ин романи ғароибро барои ҳама табрик гуфта, илова намуд, ки он ба тамоми қишрҳои ҷомеамон, ба хусус барои тарбияи ҷавононамон бояд хидмат кунад.

Тавре пай бурдед, аз аввали мақола то ин ҷо мо номи муаллифро зикр накардаем. Дар даъватнома низ аз ин хусус ишорае нест. Дар муқоваи китоб низ исму насаби ӯро намехонед. Танҳо дар қисми даромад қайд шудааст: «Муаллифи бофтаи бадеӣ дар асоси санадҳои таърихӣ Хайриддин Султон аст.»

Оре, Хайриддин Султон, ҳамон адиби маъруф, ки муаллифи «Хуршед барои ҳама баробар», «Афсонаи як шомгоҳ», «Зодгоҳи модарам», «Умр ҳам мегузарад», «Хобҳои Бобур», «Бобуринома», «Соҳили саодат», «Дар осмону фалакҳо» ва боз даҳҳо асарҳои насрӣ буда, сенарияи чандин видеофилм ва филмҳои бадеиро бо маҳорати баланду услуби хос таҳия кардааст.

Ниҳоят, садри анҷуман, олими намоёни навоишинос Олимҷон Давлатов муаллифро рӯйи саҳна хонд. Хайриддин Султонов бо тавозеъю камоли хоксорӣ чунин изҳори ақида кард: «Аслан ин китоб сад-саду панҷоҳ сол муқаддам навишта, вале ба шакли асари яклухт наоварда, мисли баргҳои хазон дар рӯйи ҳазорон варақҳои зардшуда пароканда хобида буд». Навишта шудани ин китоб дар ин замон, дар замоне, ки ба шарофати ислоҳоти Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев раванди ошкорбаёнӣ имконпазир гардид, як эҳтиёҷи таърихист. Ӯ аз ҷумла гуфт:

«Хулоса, муаллифи асаре, ки дар даст доред, садҳо, ҳазорҳо ҳамватаноне мебошанд, ки номашон барои аҳли васеи ҷомеа маълум ва ҳоло номаълуманд, агар таъбир ҷоиз бошад, кулли халқи ӯзбек аст. Каминаи камтарин аз он, ки ба саодати навиштани ин китоб аз забон ва қалби халқамон, ба шакли муайяни адабӣ даровардану ба ҳукми одилонаи шумо, китобхонҳои арҷманд ҳавола намудани он ноил шудаам, беҳад бахтиёр ҳастам».

Дар хотима ин суханҳо чун даъват ба ҳамдиёрон садо доданд: «Аллоҳи таъоло охирати ҳазрат Абдулло Қодирии марҳум ва мағфурро обод гардонад!

Шаъну шараф ба қаҳрамонони Ватан! Ба поён расидани шабҳои ялдои кишвари ҷафокашидаамон рост бодо!»

Дар чунин лаҳзаҳои пурҳаяҷон шунидани шеъри шоираи боистеъдод Зебои Мирзо бо номи «Кишанлар кияйми?» («Завлонаҳо бибандам?») хеле таъсирбахш буд.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**китобхон.**

***Дар мавзеи Хоҷаикони ноҳияи Шеробод бо ҷалби сармояи хориҷӣ лоиҳаи бузургҳаҷми «Капа-юрт» татбиқ гардида, барои таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои нави кор ва табобати мардум бо роҳу усулҳои табиӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоваранд.***

# СИҲАТГОҲИ «КАПА-ЮРТ»



Маскани шифои «Хоҷаикон», ки дар бағали кӯҳу шафати кони намак ҷойгир шудааст, дар ҳама мавсими сол, алалхусус, баҳору тобистон барои мардуми маҳалливу берун аз он ба сифати маскани табобатӣ хидмат мекунад, нафарони гирифтори ҳама гуна бемориҳои роҳи нафас ва шуш: диққи нафас, шамолхӯрии шадид, инчунин бемориҳои аллергиро табобат менамояд.

Инак, талаб ва зарурате ба миён омадааст, ки имкониятҳои маскани шифои мазкурро боз ҳам васеъ карда, ҳудудро аз ҷиҳати иқтисодӣ ва туризм низ ривоҷу равнақ диҳанд. Барои ин як қатор лоиҳаҳо ҳам барои беҳсозии шароити табобат, ҳам барои инкишоф додани соҳаҳои иқтисодиёт ва сайёҳӣ амалӣ мегарданд. Яке аз ҳамин гуна лоиҳаҳо аз ҷониби Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Капа-юрт» бо ҷалби сармояи Ширкати «Bizayla»-и Олмон амалӣ мешавад, ки дар натиҷаи он шаҳрчаи «Туризми саломатӣ» барпо хоҳад шуд. Арзиши умумии ин лоиҳа 50 миллион доллари амрикоӣ буда, баъди пурра татбиқ шуданаш ҳудуди мазкур, бешубҳа, ба як маскани тамошобобу барқарорсозии саломатии мардум мубаддал мегардад.

Ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов якҷо бо мутасаддиёну мутахассисони соҳа ба ин ҷо ташриф фармуда, бо фаъолияти Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Капа-юрт» ва Ширкати «Bizayla», чараёни корҳои бунёдкорӣ, сохтмони хонаҳои капсулашакли аз намак бунёдёфта, нуқтаҳои хидматрасонии маишӣ аз наздик шинос шуд.

Ӯ барои боз ҳам беҳ намудани сифати маҳсулот, зиёд кардани ҳаҷм ва содироти он ба мутасаддиён супоришҳои зарурӣ дод.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти**
**Сурхондарё.**

# ИМКОНИЯТ БАРОИ ҶАВОНОНИ ЗАРАФШОНӢ

***Имрӯз дар ҷамъият баҳри ташаккули дониш ва маърифату маънавияти насли наврас беш аз пеш эътибор зиёд гардида, баробари ислоҳотиояндасоз ташкилоту муассисаҳои зиёд дар ин кори хайр саҳм мегиранд.***

Онҳо ҷавонони соҳибистеъдодро дастгирӣ мекунанд ва аз ҷиҳати молиявӣ кӯмак мерасонанд. Хушбахтона, сафи чунин ташкилоту муассиса ва шахсон меафзоянд. Ин равандро мо дар мисоли ширкати «Shamol Zarafshan Energy»мушоҳида менамоем.

Аз ҷумла, барои 20 нафар ҷавони зарафшонӣ, ки дар имтиҳонҳои «Mock test» (ки охирҳои моҳи декабр аз ҷониби ҳокимияти шаҳри Зарафшон ва шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии шаҳр баргузор мешаванд) натиҷаҳои баланд ба даст меоранд, хароҷоти иштирок дар имтиҳони IELTS аз ҷониби ширкат пурра пардохт карда мешавад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

Дар нигористон

# НАВОИ ЭҲСОСОТ

Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд намоиши шахсии рассоми Театри давлатии академии мусиқии ба номи Муқимӣ Сарвар Йӯлдошев таҳти унвони «Навои эҳсосот» ташкил карда шуд.

Дар асарҳои рассом образҳои гуногун: сужет, ашё, оҳангҳои замонавӣ, хат ва рангҳо инъикос ёфтаанд. Ӯ дар мавзӯъҳои қадимӣ ва кӯҳна, бо сужетҳои пурра ва мукаммал эҷод кардааст. Ҳамаи онҳо ба якдигар вобаста буда, мазмун ва маънии хос доранд.

Дар намоишгоҳ як қатор асарҳои ӯ, аз ҷумла, «Дарахти эҳсосот», «Шаҳри беодам», «Пойгаҳ», «Навои аввалин», «Муҳаббат», «Суҳбат бо орзуҳо», «Шоми Самарқанд», «Манументи хотира», «Шаби нооором», «Орзу», «Манзили ноаён» ва дигарҳо ҷойгир шудааст.

Рассом соли 1985 дар ноҳияи Учқӯрғони вилояти Намангон таваллуд шудааст. Дар мактаб-интернати санъати тасвирӣ ва амалии ҷумҳурӣ ва дар кафедраи рангтасвири Донишкадаи рассомӣ ва дизайни ба номи Камолиддин Беҳзод таҳсил гирифтааст. Бахши магистратураи ҳамин донишкадаро хатм кардааст.

Узви Иттифоқи эҷодкорони бадеии Ӯзбекистон аст.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

# АНҶУМАН ДАР ЗОДГОҲИ СОҲИБҶАШН

***Тибқи Фармони сарвари давлат аз 27-уми декабри соли 2024 доир ба тантанавор ҷашн гирифтани 150-солагии асосгузори ҳаракати ҷадидия, адиби номдор, арбоби барҷастаи давлатӣ, журналисти варзида, ношир ва педагог Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар зодгоҳи соҳибҷашн дар маҳаллаи Бахштеппаи ноҳияи Тайлоқи тоҷикнишин анҷумани бошукӯҳи фарҳангӣ баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ аҳли фарҳангу ҳунар, адибу шоирон, олимону пажӯҳишгарон, хешу пайвандони Беҳбудӣ, муаллимон, толибилмони мактабҳои маҳал, вакилони расонаҳои ахбор ширкат варзиданд.

Ҳокими ноҳия Беҳзод Раҳматуллоев, профессор Ҳалим Саидов, набераи соҳибҷашн Шоҳруххон Беҳбудӣ ва дигарон, оид ба корҳои шоистаи Беҳбудӣ ҳарф заданд.

Сипас, маросими ифтитоҳи тантанавии «Боғи Беҳбудӣ» баргузор гардид. Ҷонишини ҳокими вилояти Самарқанд Рустам Қобилов хидматҳои шоистаи фарзанди фарзонаи маҳаллаи Бахштеппа ва аҳамияти ҳифзи мероси соҳибҷашнро таъкид намуд.

Дар зодгоҳаш муҷассамаи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, ки ҳайкалтароши самарқандӣ Умурзоқ Шарифов офаридааст, ба тарзи тантанавӣ кушода шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Дар ростои поси хотири донишманди кӯҳпояи Нурато, доктори илми иқтисодӣ, ҷуғрофидони шинохта Маҳмуд Нурназаров, ки аз соли таваллуди ӯ (23 декабр) 84 сол мегузарад.*

# «ТОҶИКОНИ ФОРИШ»: ТАЪРИХИ КӮҲИСТОНИ НУР ДАР ОЙИНАИ ПАЖӮҲИШ



Маҳмуд Нурназаров ҳарчанд ба унвони донишманди соҳаи иқтисодиёту ҷуғрофиё номвар шудааст ва ба унвони доктори илми иқтисодӣ мояи ифтихори миллати тоҷик аст, дар поёни умри худ бо завқу алоқаи беандоза ба корҳои адабию пажӯҳишӣ низ рӯ меоварад. Азбаски аз овони ҷавонӣ ба адабиёт ва фарҳанги миллӣ муҳаббат дошт, шеъргунаҳои хешро дар дафтарҳои «Рози ниҳон» ва «Мавҷи дил» ва таҳқиқоти таърихию фарҳангӣ ва этнографиашро доир ба табиат, мавқеи ҷуғрофиёӣ, олами набототу ҷонварони кӯҳистони Нурато ва ҳамчунин қишрҳои ҷомеа, авлоду аҷдод, гӯйиши мардумӣ, эҷодиёти шифоҳӣ, таърихи гузашта ва имрӯзаи тоҷикони Фориш (тоҷикони деҳаҳои кӯҳпояи Нурато) дар китоби «Тоҷикони Фориш» ба табъ расонидааст.

Ба хусус, китоби «Тоҷикони Фориш» беҳтарин дастовези устоди пажӯҳишгар Маҳмуд Нурназаров (бо номи мустаори Маҳмуди Форишӣ) мебошад, ки соли 2000 дар муассисаи табъу нашри «Зиё» дар шаҳри Гулистон аз чоп мебарояд ва тоҷикони муқими кӯҳистони Нураторо бо ҳама бурду бохташон дар сад соли ахир, ҷуғрофиё, таърих ва фарҳанги пешина ва имрӯзаи онҳоро, ки асосан дар ёздаҳ деҳа (Порашт, Асраф, Ӯхм, Ҳоят, Моҷарм, Андагин, Синтаб, Соб, Симбулоқ, Эҷ ва Сойхурд) умр ба сар мебаранд, рӯнамоӣ мекунад.

Китоби «Тоҷикони Фориш» аз он ҷиҳат арзиши воло дорад, ки нахуст, аз ҷониби як нафар фарзанди ҳамин кӯҳпоя, ки бо ҳама номҳову мавзеъҳову гӯйишҳо ошно аст, таълиф шудааст ва дувум, тамоми маълумот ва далелу нақлҳо паёварди пажӯҳишҳои дақиқ ва суҳбату муколамаҳои фаровон бо халқи маҳаллӣ мебошад. Ин китоб чандин гуфтаи ғалат ва навиштаҳои сарсарии муҳаққиқони пешинро ислоҳ ва дар мавридҳои зарурӣ такмил мекунад. Чунончи, ба нигоштаҳои мубҳам ва печидаи мақолаи «машҳур»-и пажӯҳишгарони давраи Шуравӣ – Балқис Кармишева ва Елена Пешерева, ки соли 1964 дар шумораи аввали маҷаллаи «Этнографияи советӣ» таҳти унвони «Пажӯҳишҳои этнографӣ доир ба тоҷикони қаторкӯҳи Нурато» чоп шудааст, равшанӣ меандозад.

Муҳаққиқони шӯравӣ дар мақолаи худ ёдрас менамоянд, ки ду бор аз деҳаҳои тоҷикнишини кӯҳпояи Нурато дидан кардаанд ва маводу матолиби худро бар асоси воҳӯрию суҳбатҳо бо мардуми маҳаллӣ ҷамъ ва интишор додаанд. Аммо боиси тааҷҷуб аст, ки аксари номҳои таърихӣ дар мақолаашон иштибоҳ дарҷ ёфтааст, ки ин гуна амалкард дар илм қобили қабул намебошад. Чунончи, номи деҳаи қадимаи Пораштро аслан ба забон намегиранд ва дар ҳама ҷо онро Фориш меноманд. Дар сурате ки «калимаи «фориш» ба қарибӣ пайдо шуда, он дар ягон осори хаттии асрҳои гузашта дучор намеояд. Аслан, «фориш» шакли вайроншудаи калимаи суғдии «порашт» буда, маънои «поёни қалъа»-ро дорад. Порашт номи деҳаест, ки аз маркази ноҳия дар масофаи 25 километр воқеъ аст... 20-уми феврали соли 1935 бо қарори Комитети Марказӣ ноҳияи Фориши ҳозира (марказаш Боғдон, яъне Янгиқишлоқ) таъсис меёбад. Аз ин рӯ, Боғдонро аввал Янгиқишлоқ, Янгипорашт (Янгипориш) ва рафта-рафта Фориш номидаанд». («Тоҷикони Фориш», саҳ. 7-8). Бар замми ин, номи бисёре аз маскану маконҳо хато оварда шудааст. Масалан, Ухум, Можурум, Соф, Фужак, Тишмисурх, ки шакли дурусти ин ҷойномҳо Ӯхм, Моҷарм, Соб, Феҷак, Чишмисурх аст. Дар ҷое ҳам, дараҳои Эҷу Сойхурдро густохона Каттасой ва Кичиксой меноманд, ки аз ниҳояти бетаваҷҷуҳӣ ва ҷамъоварии далелҳо аз забони одамони тасодуфӣ гувоҳӣ медиҳад. Хушбахтона, дар китоби «Тоҷикони Фориш» тамоми ҷойномҳо саҳеҳ ва дақиқ дарҷ ёфтаанд.

Маҳмуд Нурназаров пас аз ҷустуҷӯҳои тӯлонӣ ва таҳқиқи маводу матолиби таърихию ҷуғрофиёӣ ва фарҳангию этнографӣ ба чунин хулоса меояд: «Ҳамаи деҳаҳо таърихи хеле қадима доранд ва маънои номи онҳоро танҳо аз луғати забони суғдӣ(!) дарёфт кардан мумкин аст. Назар ба ақидаи олимон ва дастхатҳои таърихию археологӣ сарзамини тоҷикони Фориш (манзур деҳаҳои тоҷикнишини кӯҳистони Нурато аст – **Ю.И.**) таърихи чандинҳазорсола дорад. Ҳанӯз дар асрҳои V - III пеш аз милод дар ин ҷо аҷдоди қадимаи тоҷикон – суғдиҳо ва бохтариҳо зиндагӣ мекарданд. Бозёфтҳои қадимаи асри биринҷӣ, монанди деги мисӣ, табарҳои мисӣ ва ҳоказо далели ин ақида аст». («Тоҷикони Фориш», саҳ.22).

Дар идома, муаллиф бо мисолҳои фаровон собит месозад, ки гузаштаи тоҷикони кӯҳпояи Нураторо на дар нимароҳҳо, балки ҳадди ақал дар давлати Суғд бояд ҷустуҷӯ кард. Эҳтимолан онҳо дар замони ғоратгарӣ ва кушторҳои лашкари юнониён аз ноҳияҳои атрофи Самарқанд, Панҷекат, Ашт, Айнӣ, Ҳисор... омада дар миёни дараҳои хушбоду ҳаво ва сероби риштакӯҳҳои Нур муқим шудаанд, аммо ба ҳеч ваҷҳ марбут ба кадом як қабилаи ҷалоиру қайчиливу найману мултонӣ, ки хонумҳои шарқшинос Балқис ва Елена ёдовар шудаанд, намебошанд!

Дар ҳақиқат, китоби «Тоҷикони Фориш» ёдгории беназирест, ки аз устоди пажӯҳишгари фақид Маҳмуд Нурназаров ба мо мерос мондааст. Он барои ҳар як омӯзанда роҳнамои хубест, ки дар бораи гузаштаи мардуми таҳҷойии кӯҳистони Нурато, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, ҳунар ва касбу кори гуногуни роиҷ, ҷараёни муҳоҷиршавиҳо ва сохтани «ватан»-и нав дар вилояту кишварҳои дигар, иштиёқу завқи баланди мардум ба донишандӯзӣ, овозхонӣ, ҳунаромӯзӣ, кишоварзӣ, чорводорӣ, бозаргонӣ ва эътимоду эътиқоди онҳо ба якдигар, роҷеъ ба маконҳову ёдгориҳои бостонӣ, сангнавиштаҳо, эҷодиёти шифоҳии халқ, табақабандӣ ба авлодҳо ва ҳоказо нақл мекунад.

Бошад ки, номи неки ҳамдиёри азизамон Маҳмуд Нурназаров абад-ул-абад дар ёду хотирҳо зинда бимонад!

**Юнуси ИМОМНАЗАР,**
**адиб.**

# САМАРАИ ИСЛОҲОТ: СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ БА АҲОЛӢ НАЗДИК МЕШАВАД

(Аввалаш дар саҳ.3).

**– Ба мақсади рушди соҳа, боло бурдани салоҳияти кадрҳо, ба аҳолӣ расондани хидмати босифати тиббӣ ҳамкориҳои байналхалқию маҳаллиро низ ба роҳ мондед?**

– Танҳо соли ҷорӣ Садорати нигаҳдории тандурустии вилоят бо 35 созмони хориҷию маҳаллӣ доир ба ҳамкорӣ меморандум таҳия намуд. Аз ҷумла 11-тои ин ҳуҷҷат бо роҳбарони клиникаҳои бонуфузи хориҷӣ, 14-тоаш бо директорони марказҳои ихтисосонидашудаи ҷумҳурӣ ва 10 ададаш дар миқёси вилоят сурат гирифтанд. Баъди сафари расмии Президент ба ИМА дар байни ду мамлакат, аз ҷумла Бухоро ва ИМА оид ба ҳифзи тандурустӣ ҳамкориҳо роҳандозӣ шуданд.

Имсол дар доираи ҳамкорӣ бо ИМА, Туркия, Олмон, Русия, Қазоқистон, Белорус, Куриёи Ҷанубӣ, Ҷопон 33 шифокори хориҷӣ ба вилоятамон ташриф оварда, 108-то амалиёти ройгони ҷарроҳиро бо технологияи олӣ ба сомон расонданд. Дар давоми ин тадбир ба вилоят 1 миллиону 130 ҳазор доллари ИМА сармоя ворид шуд. Ҳамин тариқ октябри соли равон дар Маркази тиббии бисёршабакаи бачагонаи вилоят аз ҷониби профессори амрикоӣ, ҳамдиёрамон Алишер Дадабоев, роҳбари «Ҷамъияти глобал кардиологик алянс», профессор Уилям Новик, инчунин 24 мутахассиси Маркази тиббии миллии бачагон 30 нафар фарзандони 18-солаи дорои сактаи дили модарзоди оилаҳои вазъи иқтисодиашон мураккабу муҳтоҷи дастгирӣ аз ҳисоби фонди 300 ҳазор долларина ва суғуртаи тиббии давлатӣ ройгон ҷарроҳӣ карда шуданд.



*Дар филиали Маркази илмии ҷумҳуриявии ёрии таъҷилии тиббӣ дар Бухоро дар соҳаи ҷарроҳии шуш амалиёти каминвазив ва баландтехнологӣ ба роҳ монда шуд.*

Чунин ҷарроҳии ройгон аз ҷониби шифокорони турк низ сурат гирифт.

**– Нақшаҳоятон дар соли нави 2026...**

– Бинобар супориши сарвари давлат дар селектори видеоӣ 10 ноябри соли ҷорӣ, вазъи бемориҳо дар маҳаллаҳо таҳлил гардида, онҳо ба тоифаҳои сурх, зард, сабз ҷудо карда шуданд. Аз соли 2026 мутахассисони соҳаҳои маҳдуди шуъбаҳои вилоятии марказҳои ихтисосонидашудаи ҷумҳурӣ, муассисаҳои муолиҷавию профилактикаи вилоят, инчунин иттиҳодияҳои тиббии шаҳру ноҳияҳо дар асоси нақша ба маҳаллаҳо мебароянд. Дар натиҷа роҳҳои саривақт муайян кардани беморон ва тарғиботи профилактикӣ дар маҳаллаҳо сурат мегиранд, нишондиҳандаҳои фавту ногироӣ маҳдуд мешаванд.

Соли равон 1869852 нафар аҳолии вилоят аз назорати тиббӣ гузаронида шуда, онҳо бинобар ҳолати саломатиашон дар беморхона ва бо усули амбулаторӣ муолиҷа карда мешаванд.

Аз ҷониби Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро якҷо бо Донишгоҳи Дегу Хании Куриёи Ҷанубӣ лоиҳаи гранти «Гармхонаи оқил» амалӣ гашта, худи ҳамин сол аз ҳисоби 570 ҳазор доллар маблағи грант ба лабораторияи биотехнологияи ҳуҷайра асос гузошта ва парвариши 20 намуд рустании шифобахш, аз ҷумла, дар мамлакат бори аввал женшен, ба роҳ монда шуд. Чун «Таҷрибаи Бухоро» дар ҷараёни муолиҷаи беморони муассисаҳои тиббии вилоят 30 фоизи доруворӣ гиёҳдармонӣ истифода бурда мешавад.

Дар Туркия 100 нафар роҳбар ва мутахассиси муассисаҳои тиббии Бухоро малакаи касбиашонро такмил медиҳанд. Дар натиҷа ҷарроҳиҳои мураккабе, ки дар хориҷа пешбинӣ шуда буданд, дар худи вилоят амалӣ мегарданд...

Дар Маркази тиббии бисёршабакаи бачагонаи вилояти Бухоро аз ҳисоби 30 миллиард сӯм маблағ шуъбаи онкогематология бунёд мегардад.

Биноҳи беморхонаи марказии ноҳияи Ғиждувон дар давоми солҳои 2026-2027 сохта мешавад. Дар 54 иншоот ҷараёни таъмири қиматаш 121 миллиарду 95 миллион сӯм сурат мегирад.

Дар иттиҳодияҳои тиббии ноҳияҳои Ғиждувон, Ҷондор, шаҳри Когон марказҳои нави тиббии байниноҳиявӣ сохта мешаванд.

**– Дар хотима мехостем донем, ки шумо чун роҳбари ҳудудии соҳа аз кадом кор, ҳолат ё натиҷаҳо қаноатманд ҳастеду аз кадом не?**

– Дар навбати аввал мо аз ғамхориву ташаббусҳои мунтазаму инсонпарваронаи сарвари давлат, ки дар қатори дигар соҳаҳо ба ҳифзи саломатии аҳолии мамлакат нигаронида шудаанд, хурсанд ҳастем.

Дар вилоят кам гардидани фавти модарон, назорату муоинаи тиббии оммавии ҳамдиёрон дар ҳудудҳо, торафт доман паҳн кардани ҳамкориҳои тиббии байналмилалию маҳаллӣ, ки ҳамватанонамонро аз ташвишҳои муолиҷа, хусусан дар хориҷа наҷот медиҳад, бешубҳа моро рӯҳбаланд мегардонад. Баробари ин маҳдудияти маданияти тиббии аҳолӣ моро ба ташвиш меоварад.

Ҳоло ҳама медонанд, ки мақсад ва талаби асосии Президент розӣ кардани мардум аст. Аз ин боис тӯли сол дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 41 қабули сайёр гузаронида шуданд. Ба 107 нафар маслиҳати ҳуқуқӣ дода шуда, 321 ариза ба тариқи мусбат ҳаллу фасл гардиданд.

**– Ташаккури зиёд, дар Соли нав комёбиҳои нав ба нав ёратон бод!**

– Саломат бошед.

Суҳтаборо
**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## Моҳона

*Дар кишвари азизу муқаддаси мо моҳонаи ҳарбӣ-ватанпарварӣ, ки 15-уми декабри соли равон оғоз ёфта буд, муташаккилона идома дорад.*

# ЧОРАБИНИҲОИ ҲАРБӢ-ВАТАНПАРВАРӢ

Дар вилояти Самарқанд низ дар чорчӯбаи моҳона дар шӯъбаи вилоятии Донишгоҳи давлатии иқтисодиёт чорабинии пуршукӯҳ баргузор гардид, ки нотиқон дар бораи сиёсати оқилона ва дурандешонаи Сарвари давлатамон барои мустаҳкам намудани сарҳадҳои кишвар, пурзӯр намудани неруҳои мусаллаҳ, нигаҳдории осоиштагӣ ҳарф заданд.

Сипас, зери садои мусиқии дастаи ҳунарии оркестри ҳарбӣ намоиши намояндагони қисми ҳарбӣ, Гвардияи миллӣ ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулода бо ташаббусу дастгирии ташкилоти «Ватанпарвар» ба вуқӯъ пайваст. Инчунин барои вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ пресс-тур ба яке аз қисмҳои ҳарбӣ ташкил гардид.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# «МАҲАЛЛАИ ФАРОВОН — ТАҲКУРСИИ ОЯНДА»

*Анҷумани матбуотие, ки ба қарибӣ дар шаҳри Бухоро ба амал омад, чунин ном дошт.*

Дар ҷамъомад сардори Садорати вилоятии Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон Ҷамол Носиров дар бораи вазъи корҳо бобати рушд додани маҳаллаҳои вилоят, беҳсозии инфрасохтори онҳо ва афзун гардондани шароити зисти аҳолӣ батафсил маълумот дод.

Аз ҷумла вай таъкид кард, ки бо ташаббуси Сарвари давлат институти маҳалла такмил ёфта, соҳиби вазифаю ваколат ва масъулиятҳои нав ба нав мегардад. Ба ибораи дигар, сохтори маҳалла ба халқ наздиктар мешавад. Раиси маҳалла, ёвари ҳоким, роҳбалади ҷавонон, фаъоли занону духтарон, нозири профилактика, ходими иҷтимоӣ ва нозири андоз – ҳафтгонаи маҳалла ҳоло ҳамчун ҷамоаи ягона амал мекунанд. Ҳоло шумораи онҳо дар 516 маҳаллаи вилоят 3 ҳазору 612 нафарро ташкил мекунад. Мулоқоти ошкоро бо аҳолӣ боиси дар худи маҳалла ҳаллу фасл шудани масъалаю эҳтиёҷоти онҳо мегардад.

Масалан, ба воситаи низоми «Буҷаи маҳалла» дар давоми солҳои 2024–2025 дар ҳисоб-сурати маҳаллаҳо 36,6 млрд. сӯм маблағ ҷамъ омадааст. Ин маблағ баҳри мустаҳкамтар намудани инфрасохтор, биноҳои маҳалла, пойгоҳи моддию техникӣ, «макони сабз», инчунин низоми бехатарии ҳудуд хидмат мекунад.

Дар чорабинӣ бобати фаъолияти нуқта, ширкатҳои хидматрасонии маҳалла низ фикру мулоҳизаҳо баён гардид.

Роҳбари садорат ба саволҳои сершумори кормандани ВАО ҷавоб гардонда, ба таклифу мулоҳизаҳо муносибат зоҳир кард.

Баъди анҷуман хабарнигору блогерон ба хонадону кӯча ва маҳаллаҳои обод, объектҳои намунавии шаҳр, ноҳияҳои Когону Вобканд, аз ҷумла гармхонаи Шукуровҳо, «Маркази ҷавонон» (дар ноҳияи Когон), ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Чармгарон», маҳаллаи этнотуризми «Ширин» (дар ноҳияи Вобканд) ва ғайра саёҳат карда, бо соҳибхона, мутасаддиён, «ҳафтгона»-и маҳаллаҳо мулоқот карданд.

## ВАРЗИШ

# ПАРАВАРЗИШГАРИ СОҲИБИ 7 МЕДАЛИ ТИЛЛО

*Дар шаҳри Дубай Бозиҳои паралимпии Осиё дар байни ҷавонон баргузор гардида, паравaрзишгарони ҷавони Ӯзбекистон дар маҷмӯъ 197 медал – 99 тилло, 57 нуқра ва 41 биринҷӣ ба даст оварда, дар ҳисоби даставӣ ҷойи якумро ишғол намуданд.*



Дар ҳамин мусобиқоти бонуфуз хонандаи шуъбаи варзиши ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Асадбек Ҳоҷиев дар намуди парашиноварӣ 7 медали тилло ба даст оварда, ба пирӯзии умумии дастаи ҷавонони Ӯзбекистон саҳми арзанда гузошт.

Пас аз ғалабаи таърихӣ, варзишгари ҷавонро дар маҷмааи таърихӣ-меъмории «Чашма»-и шаҳри Нурато бо тантана пешвоз гирифтанд.

Дар чорабинӣ ҳокими ноҳия Азамат Файзиев, пирони рӯзгордида, устодон ва мураббиён, аъзои оилаи варзишгар ва ҳамсинфонаш ширкат варзида, қаҳрамонро бо натиҷаи баланд самимона табрик гуфтанд.

Дар ҷараёни чорабинӣ ҳокими ноҳия А. Файзиев таъкид кард, ки дастовардҳои Асадбек барои ҳамаи мо мояи ифтихор аст. Ӯ изҳори боварӣ кард, ки ин муваффақиятҳо минбаъд низ идома меёбанд ва ба Асадбек дар мусобиқаҳои оянда пирӯзиҳои бузург орзу намуд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ПИРӮЗИИ ВОЛЕЙБОЛБОЗОНИ ДОНИШГОҲ

*Дар Бухоро чемпионати Ӯзбекистон байни писарон (синни 11-21), қувваозмоиҳо барои Ҷоми Ӯзбекистон байни духтарон (11-20) оид ба волейбол баргузор гардид.*




Мусобиқаҳо дар толори «Ёшлар»-и шаҳри Бухоро ва толори варзиши ДДБ байни ҷамоаҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд сурат гирифт. Қувваозмоиҳо дар чорчӯбаи эҳтироми якдигар шиддатнок гузошт. Дар бозиҳои ҳалкунандаи ниҳоӣ варзишгарони бухороӣ аз болои варзишгарони Қароқалпоқистон бо ҳисоби 3:0 ғолиб баромаданд. Барои ҷои сеюм волейболбозони вилояти Навоӣ бо варзишгарони вилояти Ҷиззах рақобат намуда, ҳарифи худро ба ҳисоби 3:0 мағлуб сохтанд.

Дар мусобиқаҳои байни духтарон варзишгарони бухороӣ ва хоразмӣ ба финал баромаданд. Воҳӯрии ҳалкунанда бо ҳисоби 3:0 бо болодастии бухороиён анҷом ёфт. Варзишгарони ҷиззахӣ аз болои дастаи қароқалпоқистонӣ ба ҳисоби 3:1 ғолиб баромада, соҳиби ҷойи сеюм шуданд.

Ҳамин тариқ, дастпарварони ДДБ – духтарон ва писарон ғолиби мусобиқаҳо гардиданд.

Дар маросими ҳавасмандгардонӣ ҳокими вилоят Ботир Зарифов ғолибон ва ҷоизадоронро муборакбод намуд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1228.
Адади нашр 3676. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.